**Тақризи**

**роҳбари илмӣ доир ба диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт.**

Муаллифи диссертатсия Султонзода Исо Муҳаммад соли 2013 ихтисоси кори бонкии Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав - ро бо дипломи аъло хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии Султонзода И.М. соли 2015 ба ҳайси омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод ва молияи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав шурӯъ шуда, ҳоло бошад ба ҳайси омӯзгори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намуда истодааст. Аз соли 2015 то инҷониб мавзӯи зикршударо дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тибки нақшаи тасдиқгардида иҷро намудааст.

Дар раванди омӯзиши масъалаҳои таҳқиқотӣ, ҷамъоварии адабиёт, гузаронидани пажуҳишҳои илмӣ, таҳлили натиҷаҳои ҳосилшуда, навиштани мақолаҳои илмӣ, иштирок ва бо маърӯзаҳо баромад намудан дар семинару конфронсҳо ва инчунин ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ Султонзода И.М, худро ҳамчун донандаи хуби ҷабҳаҳои илми иктисодӣ, шахси мехдатдӯст ва поквиҷдону пурмасъулият муаррифӣ карда тавонист.

Ӯ дар давраи докторантии худ тамоми вазифаҳои аз тарафи роҳбари илмӣ, кафедра, факултет ва раёсати илми донишгоҳ супоридашударо сари вақт ва бо сифати баланд иҷро намуда, аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти худ дорои сифатҳои мутахассиси ташаккулёфта ва соҳиби маърифату фарҳанги баланд буданро нишон додааст.

Докторант Султонзода И.М., бо истифода аз маводи зиёди илмию амалии аз китобхонаҳо ва интернет дастраснамудааш қобилияти мустақилона иҷро намудани тадқиқоти назариявӣ ва амалии худро ривоҷу равнак додааст. Ӯ аз рӯйи натиҷаҳои мавзӯи тадқиқотиаш якчанд маротиба дар конфронсҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Султонзода И.М. аз рӯйи мавзӯи таҳқиқотиаш 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии кори тадқиқотии ӯ аз тарафи

мутахассисони пешбари соҳа баҳои баланд гирифтаанд. Интишороти илмии муаллиф бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дурнамои асосии рисоларо инъикос мекунанд.

Ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти рисолаи Султонзода Исо Муҳаммад кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои кофии касбӣ буда, метавонад аз рӯйи соҳаи тадқиқоти илмии худ мустақилона масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузарнад ва онҳоро ҳал намояд.

Дар маҷмуъ Султонзода И-М-ро метавон ҳамчун корманди илмӣ-омузгории ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ, сазоворбуда тавсиф кард.

Диссертатсия Султонзода И.М. дар мавзӯи «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт, омода гардидааст ва барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт, сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Обидов Ф.С.**

**Имзои Обидов Ф.С.-ро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**